# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика))**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)), аз ҷумла ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели 2017, №1/4 тасдиқ шудааст мутобиқат менамояд: *Банди 1*: асосҳои методӣ ва мавориди танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ; қонуниятҳо, усули (принсипҳои) таҳсилоти касбӣ; асоснокkунӣ ва татбиқи консепсияҳо ва низомҳои омодасозии касбии мутахассисон; *Банди 2:* назария ва методикаи равандҳои таҳсилот дар соҳаи омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон; *Банди 3:* такмили сохтори омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар шароити таҳсилоти олӣ ва миёна; *Банди 4:* муҳтавои таҳсилоти касбӣ, таҳияи стандартҳои таҳсилотӣ ва маҷмаъҳои таълимию методӣ; *Банди 5:* инкишоф додани методҳо, воситаҳо, методикаҳо ва технологияҳои омодагии касбии мутахассисон; *Банди 6:* амсилаҳои инноватсионии омодагии касбии мутахассисон мутобиқи самтҳои стратегии

навсозии таҳсилоти олӣ; *Банди 8:* методология, назария ва технологияи лоиҳасозии системаи омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо.*Банди 9:* муттасилии ҳадафҳо, муҳтаво, шаклҳо, методҳо дар системаи таҳсилоти касбӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқ ба омӯзиши ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот равона шудааст. Ин мавзуъ дар педагогикаи муосир аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад ва ҳамчун мавзӯи рисолаи илмӣ дуруст интихоб шудааст, зеро то имрӯз дар педагогикаи тоҷик масъалаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот ба таври як таҳқиқоти илмии мустақил ва ҷамъбастӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

Гарчанде, ки як қатор муҳаққиқони ватанӣ дар доираи таҳқиқоти худ баъзе ҷанбаҳои муносибати босалоҳиятро дар таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд, вале масъалаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика то ҳол ба таври мустақил ҳамчун мавзуи махсуси таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бо назардошти воридшавии низоми таҳсилоти олии кишвар ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, интихоби ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот ҳамчун мавзӯъ ва объекти таҳқиқ, як масъалаи саривақтӣ ва мубрами илмӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Дар таҳқиқоти мазкур бори аввал ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Унвонҷӯй дар раванди таҳқиқ тамоюлҳои илмӣ ва мушкилоти ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатикаро тавассути ТИК дар шароити низоми

кредитии таҳсилот таҳлил намудааст. Инчунин, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи фанни информатика дар асоси истифодаи ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот муайян ва таҳлил карда шудааст. Аз ҷониби муаллиф бори аввал модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот таҳия гардидааст. Дар асоси таҳлил роҳҳои самараноки амалисозии модели ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот коркард шудааст. Мауллиф андешаи пешбаранда ва омилҳои асосии ба ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатикаро тавассути ТИК ошкор кардааст. Корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор (КМРО), ки ба ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот мусоидат мекунанд, аз ҷониби муаллиф муқаррар карда шудааст. Инчунин, сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои методии омӯзгори ояндаи информатика бо истифодаи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот муайян гардидааст. Саҳми арзандаи муаллиф  дар он аст, ки тавассути озмоиши педагогӣ методикаи коркардро беҳтар гардидонида, амалан санҷида шудааст, ҳамзамон маслиҳатҳои методии амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот таҳия карда шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Таҳқиқи муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти гуногуни илмӣ ба анҷом расидааст. Бинобар ин, хулосаҳо ва натиҷаҳои дар диссертатсия овардашуда илман асоснок гардидааст. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур асоснок гардидаанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мамлакатҳои тараққикардаи олам низ ба инобат гирифта шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф инъикос гардидаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия дар 191 саҳифа, мазмуни диссертатсия дар 162 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст ва дорои 2 расм, 9 диаграмма ва 9 ҷадвал мебошад. Рӯйхати адабиёт бошад фарогири 168 номгӯй мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия тавсифи умумии таҳқиқот зикр гардида, мубрам будани мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок карда шудааст. Мақсаду вазифаҳои баргузории таҳқиқот ва дараҷаи азхудшудаи мавзуъ оварда шудааст. Заминаҳои назариявию методологӣ, фарзия, объект, масъалаҳои асосӣ, натиҷаҳо, пойгоҳи иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо ва навгониҳои илмӣ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ муайян гардидаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, номгӯйи конфронс ва семинарҳо, интишорот ва сохтору ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия моҳият, ҷузъҳо ва тавсифи салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика дар шароити низоми кредитии таҳсилот дарҷ гардидааст. Боби якум аз чор зербоб иборат аст. Дар ин боб андешаҳои муҳаққиқони давру замони гуногун оиди масъалаи таҳқиқшаванда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, заминаҳои омӯзишу баррасии масъалаи таҳқиқшаванда гузошта шудаанд.

Дар боби дуюм муаллиф асосҳои методикаи ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатикаро тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот пешниҳод намудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат аст. Инчунин, қайд карда шудааст, ки дар ҳақиқат маҳорати омӯзгори ояндаи технологияи иттилоотӣ зимни истифодаи ТИК барои ҳалли масъалаҳои касбӣ яке аз воситаи ташаккули салоҳияти методии омӯзгори оянда мегардад.

Хулоса аз 6 банд иборат аст:

1. Омӯзиши сохтори салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар робита бо иттилоотикунонии таълим имкон дод, ки ҷузъи муайянкунандаи он – салоҳияти методӣ муайян карда шавад, ки сатҳи ташаккули он асосан маҳорати касбии омӯзгори ояндаи технологияҳои иттилоотиро муайян мекунад.

2. Хусусиятҳои хоси сохторҳои иттилоотӣ ҳамчун модулҳои бунёдӣ ва ҷалбкунандаҳои густариши дониш муайян карда шуданд, ки ба ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи технологияҳои иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ афзалият доранд.

3. Хусусиятҳои хоси муҳити иттилоотию таълимӣ асоснок карда шудааст.

4. Модели ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи информатика бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таҳия карда шудааст.

5. Принсипҳои ташаккули салоҳияти методии омӯзгори ояндаи технологияҳои иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайян карда шудааст.

6. Меъёрҳои арзёбии ташаккули салоҳияти методӣ таҳия шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Муаллиф дар раванди омӯзиши мавзуъ технологияи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи информатикаро тавассути ТИК таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардааст. Сатҳҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккул, раванди мақбулавии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи информатика тавассути ТИК дар шароити низоми кредитии таҳсилот мушаххас гардида, ҷузъҳои асосии он муайян карда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Рисола мустақилона омода карда шуда, он натиҷаҳои илмиеро дар бар мегирад, ки дастовардҳои худи муаллиф мебошад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 18 нашрияҳои батабърасондаи муаллиф, аз он ҷумла, 2 дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ, ки 9 номгӯй аз онҳо дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардиданд, ҳамчунин 7 мақола дар маҷмуаи маводи конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ гардидааст, ба расмият оварда шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар феҳристи адабиёт ва манбаҳои илмӣ номҳои олимони ватанӣ ва асарҳои илмии онҳо кам ҷой дода шудаанд.

2. Муаллиф ҳангоми навиштани рисолаи диссертатсионӣ калимаву ибораҳои мушкилро истифода бурда, ба душворфаҳм гардонидани матни баъзе қисматҳои рисола роҳ додааст: масалан, калимаҳои “нармафзор”, “сахтафзор”. Хуб мешуд, ки сода ва равон иншо менамуд.

3. Агар муаллиф дар боби дуюми диссертатсия ифодаи ҳуруфӣ ва ададии баҳои донишҷӯро дар низоми кредитии таҳсилот дар шакли ҷадвалӣ пешниҳод менамуд, беҳтар мешуд.

4. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, ки ислоҳшаванда буда, арзиши таҳқиқоти анҷомёфтаро коҳиш намедиҳад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Файзуллоев Фарҳод Раҷабович дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятнокии методии омӯзгори ояндаи информатика тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи
таълими информатикаи «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Ҳабибуллозода К.Ҳ.
«10» 11 соли 2025

Суроға: 735200, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, н. Ҷалолиддини Балхӣ, ҷ/д. Навобод
Тел.: (+992)200666622
E-mail: ddb.mi-11@mail.ru

Имзои Ҳабибуллозода К.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: 8(32 22)2-54-81; 2-22-53.
E-mail: bgu-1978@mail.ru

«10» 11 соли 2025